# ҚАРОРИ

## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 30 ноябри соли 2024** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ: **Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Қудратов Некруз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; **Одиназода Носир Садир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи нозиротӣ-ташкилии Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Азиззода У.А., Абдуҳамитов В.А., Назаров А.Қ. ва муқарризи ғайрирасмӣ Муҳамадиев И.С.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Акмалзода Нодирхон Носир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Акмалзода Нодирхон Носирро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**